# Tajik State University of Commerce

**Course name: Introduction to Political Science**

**Week 11: Political Regimes and Political Processes**

**Lecturer:** Abdullozoda Nurmuhammadi Aliavsat

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Номи фан: Муқаддимаи фанни сиёсатшиносӣ**

**МАВЗӮИ 11: Режими сиёсӣ ва раванди сиёсӣ**

**Омӯзгор:** Абдуллозода Нурмуҳаммади Алиавсат

## Нақшаи лексия:

1. Моҳияти ва таснифоти режими сиёсӣ
2. Режимҳои ғайридемократӣ ва режими демократӣ
3. Моҳияти раванди сиёсӣ ва марҳилаҳои асосии он
4. Раванди қабули қарори сиёсӣ ва иҷроиши он
5. Навъҳои раванди сиёсӣ

## 1. Моҳияти ва таснифоти режими сиёсӣ

Маҷмӯи баҳар типи давлати муайян хоси шакл ва методҳои амалисозии ҳокимият режими сиёсӣ номида мешавад. Режими сиёсиро иникоскунандаи дараҷаи озодии сиёсӣ дар ҳар кадом ҷомеа медонанд.

Тавсифи хусусияти режими сиёсӣ инҳо маҳсуб мешаванд: ҳаҷми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, усулҳои амалисозии ҳокимияти давлатӣ, хусусияти муносибати байниҳамдигарии давлату ҷамъият, вуҷуд доштан ва ё надоштани имконияти таъсиррасонии ҷамъият ҳангоми қабул ва амалисозии қарори сиёсӣ, тарзи ташаккулдиҳии институтҳои сиёсӣ, усулҳои коркарди қарори сиёсӣ.

Дар илмҳои сиёсӣ мафҳуми режими сиёсӣ каме васеътар шарҳ дода шуда, на танҳо амалишавии ҳокимияти давлатиро дар бар мегирад, балки як қатор муносибатҳоеро низ ифода менамояд, ки онҳо дар ҷомеа дар муносибат бо ҳокимияти сиёсӣ ба амал омадаанд. Чун намуна яке аз онҳоро ин ҷо метавонем нишон диҳем: «Режими сиёсӣ - ин муносибатҳои бонизоми унсурҳои системаи сиёсӣ ва инчунин маҷмӯи усулҳои амалигардонии ҳокимияти сиёсӣ ва ҳадафҳои сиёсӣ мебошад[1]».

1.Политология. Под. ред. проф. М.А.Василика. – М., 1999. – С.231

Ба ақидаи сиёсатшинос Ж. Л. Кирмон, дар зери мафҳуми режими сиёсӣ маҷмӯи унсурҳои тартиботи идеологӣ, институтсионалӣ ва иҷтимоие фаҳмида мешавад, ки онҳо ташаккулёбии ҳокимияти сиёсиро дар мамлакат дар марҳилаи муайян таъмин менамоянд.

Режими сиёсӣ имкон медиҳад, ки муносибатҳо миёни ҷомеа ва ҳокимият ба таври воқеӣ баҳогузорӣ карда шуда, имкониятҳои таъсиррасонӣ ба раванди қабули қарори сиёсӣ равшан карда шаванд. Дар дараҷаи мураккаб низ ба воситаи режими сиёсӣ на танҳо усулҳои меъёрӣ, балки воситаҳо ва методҳои амалӣ намудани ҳадафҳои сиёсӣ низ ошкор карда мешаванд.

Мафҳуми «режим» аз забони фаронсавӣ *régime* ва решаи лотинии *regimen* гирифта шуда, маънои идоракунӣ, роҳбарӣ ё тарзи ҳукуматрониро дорад. Аз нигоҳи этимологӣ, ин мафҳум то имрӯз низ мазмуни аслии худро — яъне низом ё тарзи идора кардани ҷомеа ва давлат — нигоҳ доштааст.

Аммо дар илми сиёсатшиносӣ, мафҳуми «режими сиёсӣ» маънои васеътар дорад ва танҳо ба тарзи идоракунӣ маҳдуд намешавад. Он маҷмӯи усулҳо, воситаҳо ва шаклҳои амалии татбиқи ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки муносибати байни давлат ва шаҳрвандон, байни ҳокимият ва ҷомеаро муайян мекунад.

Ба ибораи дигар, режими сиёсӣ тарзи амал ва муносибати ниҳодҳои давлатӣ бо мардум, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва сиёсию иқтисодиро нишон медиҳад. Ҳамин тариқ, он на танҳо сохтори ҳуқуқӣ, балки мазмуни воқеии ҳокимият, яъне чӣ гуна истифода шудани он дар амалро ифода мекунад.

## 1.1. Таснифоти режимҳои сиёсӣ

Таснифи режими сиёсӣ бо назардошти омилҳои зерин амалӣ карда мешавад: дараҷаи рушди демократияи сиёсӣ ва мавқеи ҳуқуқию сиёсии инсон дар ҷомеа. Ҳамин тариқ, аввалин маълумотҳо дар бораи демократия, тирания, диктатура ва монанди инҳо ҳанӯз дар замонҳои қадим мавҷуд буданд. Аз ҳамон давраҳо, аллакай, маълум буд, ки дар ҳар як ҷомеаи идорашаванда ду шакли муносибат ва фаъолиятҳои ҳамдигарро истиснокунанда мавҷуд аст: авторитарӣ ҳамчун яккаҳокимиятӣ ва тобеияти ғайришартномавӣ ва демократӣ ҳамчун баробарҳуқуқӣ, ризоияти умум, озодии интихоб.

Олимон режимҳои сиёсиро бо назардошти якчанд нишонаҳо тасниф мекунанд:

- дараҷаи иштироки шаҳрвандон дар сиёсати давлатӣ;
- ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон;
- тақсими ҳокимият (қонунгузор, иҷроия, судӣ);
- мавҷудияти мухолифати сиёсӣ ва озодии матбуот.

Режими сиёсиро ба демократия ва диктатура низ тақсим менамоянд. Ба диктатура чунин шаклҳои идоранамоӣ ба монанди тирания, олигархия, режимҳои сулолавӣ, деспотия ва режимҳои ҳарбиро шомил менамоянд.

Тирания ҳокимияти як шахс буда, барои қонеъ намудани талаботҳои эгоистии тиран равона шудааст. Аз байн рафтани чунин режим ба марги диктатор вобастагӣ дорад.

Режимҳои сулолавиро инчунин диктатураи мутлақ меноманд ва онҳо аз тирания бо он фарқ менамоянд, ки дар шароити мавҷудияти режимҳои мазкур ҳокимият дар асоси қоидаҳои қатъӣ ташаккул дода шуда, амалӣ гардонида мешавад. Одатан, дар чунин режим ҳокимият дар байни аъзоёни оилаи монарх тақсим карда шуда, хусусияти меросӣ дорад ва легитимияти он аз неруи расму русуми мавҷуда вобаста мебошад (Арабистони Саудӣ, Шоҳигарии Бруней, Аморати Муттаҳидаи Араб).

Барои дарк намудани моҳияти ин ва ё он режими сиёсӣ чунин омилҳоро ба назар гирифтан мумкин аст:

1. хусусиятҳои ҳокимияти давлатӣ ва дараҷаи назорати он аз болои ҷомеа;
2. механизмҳои ташаккулёбии ҳокимият;
3. хусусиятҳои муносибатҳои мутақобила миёни ҷомеа ва ҳокимият;
4. нақш ва мазмуни ташкилот ва сохторҳои ғайридавлатӣ ва ғайрисиёсӣ;

5. хусусияти меъёрҳои манъшуда дар ҷомеа;

6. нақши идеология дар ҳаёти ҷомеа;

7. хусусияти сарварии сиёсӣ;

8. таносуби ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон;

9. ҳолати васоити ахбори омма;

10. муносибат миёни ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия;

11. нақш ва мазмуни сохторҳои қудратӣ;

12. шакли рафтори сиёсӣ.

Дар замони муосир яке аз таснифоти машҳур ва паҳнгардида режими сиёсиро ба се гурӯҳ ҷудо менамояд: тоталитарӣ, авторитарӣ ва демократӣ. Ин таснифот танҳо дар асри XX бинобар сабаби он ки ин аср давраи ба вуҷуд омадани тоталитаризм мебошад, хеле машҳур мегардад. Бояд гуфт, ки режимҳои сиёсии замони муосир аз режимҳои сиёсии давраи қадим, асрҳои миёна ва замони Эҳё фарқиятҳои хеле зиёдеро дар бар мегиранд. Зеро дар замони муосир шаклҳои давлатдорӣ ба тағйирот дучор гардида, як қатор институтҳои сиёсии нав (чун ҳизбҳо ва ҳаракатҳои сиёсӣ, ВАО, раванди оммакунонии ҳаёти ҷамъиятӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ) ба вуҷуд омадаанд.

## 2. Режимҳои ғайридемократӣ ва режими демократӣ

**Тоталитаризм.** Мафҳуми «тоталитаризм» (лот. totalis - пурра, мукаммал ва ҳамарофарогиранда) солҳои 20-уми асри XX бори аввал аз ҷониби Бенито Мусолини мавриди истифода қарор мегирад. Пайдоиши мафҳуми мазкур бо пайдоиши фашизм алоқаманд буда, назарияпардозони фашизм онро «консепсияи ҳамарофарогирандаи ҳаёт» номида буданд. Бинобар ин, дар аввал мафҳуми тоталитаризм танҳо дар муносибат бо фашизм ва ҳамчун муродифи он истифода бурда мешуд. Аммо баъди солҳои 30-юми асри XX мафҳуми мазкур дар муносибат бо сохтори сиёсие, ки дар замони ҳукмронии Сталин ташаккул меёбад, истифода бурда мешавад.

Дар шароити режими тоталитарӣ ташаккули ҳокимият ба таври бюрократӣ ба роҳ монда шуда, он барои ҷомеа дастнорас мебошад. Ҷомеаи тоталитарӣ ҷомеаи пӯшида мебошад. Ҳеҷ гуна алоқа бо ҷомеаҳои дигар бояд вуҷуд надошта бошад. Зеро ҷомеаи тоталитарӣ дар байни ҷомеаҳои дигари ҷаҳон беҳтарин ва дурусттарин муаррифӣ мегардад. Дар шароити режими тоталитарӣ «одамони типи нав» ба вуҷуд оварда мешаванд. Рафтори сиёсӣ ва шуури сиёсии ин гуна одамон дар зери таъсири идеологияи ягона тобеи манфиатҳои давлатӣ гардонида мешавад. Пояҳои асосии тоталитаризм инҳо мебошанд: назорат аз болои манбаъҳо, дастгоҳи пуриқтидори ҷазодиҳӣ, тарғиботу ташвиқоти идеологӣ.

**Авторитаризм.** Режими авторитарӣ ифодагари ҳокимияти як шахс буда, дар ин гуна режим идоранамоӣ бо методҳои диктаторӣ амалӣ карда мешавад. Авторитаризм бо тоталитаризм хеле наздик аст. Зеро онҳо ғайридемократӣ мебошанд. Аммо байни онҳо баъзе хусусиятҳои фарққунанда низ мавҷуданд. Дар режимҳои авторитарӣ гузаронидани интихобот хеле маҳдуд гардонида мешавад ва баъзан иҷозат дода намешавад. Ваколатҳои сиёсии мақомоти иҷроияи ҳокимият дар муносибат бо мақомоти қонунгузор чанд маротиба боло бурда мешавад. Дар шароити режими авторитарӣ «ҳама чиз иҷозат дода мешавад, ғайр аз сиёсат».

Ҳокимият рафтори сиёсии шаҳрвандонро зери назорати қатъӣ қарор дода, ба соҳаҳои дигар он қадар аҳамият намедиҳад. Баъзан соҳаҳои иқтисод, дин, фарҳанг ва ҳаёти шахсии шаҳрвандон қисман аз тарафи ҳокимият зери назорат қарор дода мешавад. Режимҳои авторитарӣ тадриҷан ба режимҳои демократӣ табдил меёбанд.

Дар шароити режими демократӣ шаҳрвандони мамлакат сарчашмаи ҳокимият дониста мешаванд. Ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби шаҳрвандон интихоб гардида, интихобот ба таври озоду шаффоф баргузор мешавад.

Дар шароити режими демократӣ дар баробари ВАО-и давлатӣ, инчунин ВАО-и ғайридавлатӣ ва мустақил мавҷуданд. Таъсири ВАО-и мустақил дар ҷомеа хеле зиёд буда, онро дар аксар маврид ҳокимияти чорум меноманд. Воситаи дигари назорат аз болои ҳокимият фаъолияти ташкилотҳои оппозитсионӣ мебошад. Онҳо дар доираи қонун амал намуда, фазои гуногунандешии ҷомеаро таъмин менамоянд.

Хусусияти сарварии сиёсӣ дар режимҳои демократӣ аз навъи системаи сиёсӣ ва анъанаҳои ҷомеа вобаста мебошад. Дар чунин шароит шиори зерин моҳияти демократияро ифода менамояд: «Ҳама навъи фаъолият иҷозат дода мешавад, аммо дар доираи қонун». Ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон дар қонунҳо мустаҳкам гардонида шуда, дар амал татбиқ гардидани онҳо кафолат дода мешаванд.

Сиёсатшиносони муосир бар он ақидаанд, ки истибдоди аксарияти имрӯза аз қадимааш ба куллӣ аз чанд ҷиҳат фарқ дорад, вале дар асл аломатҳои асосии демократияи имрӯза инҳоянд:

- дар асоси интихоботи умумӣ ташаккул додани ҷамъияти намояндагӣ;
- озодиҳои ҳуқуқию сиёсии шаҳрвандон ба андозаест, ки ҳизбҳои сиёсию ташкилотҳо имконияти ошкоро амал намудан доранд, ҳамчунин ҳизбҳою ташкилотҳои оппозитсионӣ эътироф карда мешаванд;
- сохтани аппарати ҳокимияти давлатӣ аз рӯйи принсипи тақсими ҳокимият, ба хусус ба ҳайси органи ягонаи қонунбарор эътироф намудани парламент;
- гуногунандешагии сиёсӣ;
- кушодагии ҳокимия;

# 3. Моҳияти раванди сиёсӣ ва марҳилаҳои асосии он

Раванди сиёсиро дар аксар маврид ба таври зайл маънидод менамоянд: **раванди сиёсӣ маҷмӯи фаъолиятҳои субъектҳои иҷтимоию сиёсӣ мебошад, ки ба воситаи онҳо раванди рушду инкишоф, ташаккулёбӣ ва амалишавии системаи сиёсӣ ва муносибатҳои сиёсӣ ба вуҷуд оварда мешавад**. Дар чунин шароит раванди сиёсӣ дар маъноҳои зерин фаҳмида мешавад: раванди дар амал татбиқ намудани ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии ҷомеа; раванди дар амал татбиқ намудани мақсадҳои сиёсӣ; раванди қабул ва иҷроиши қарорҳои сиёсӣ ва монанди инҳо.

Раванди сиёсӣ сохтори хеле мураккаб дорад. Унсурҳои таркибии онро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

-субъекти раванди сиёсӣ (намояндаи ҳокимият, офарандаи сиёсат ва иштирокчиёни фаъоли муносибатҳои сиёсӣ);

– объекти раванди сиёсӣ (чун анъана мақсадҳои сиёсӣ);

– воситаҳо, роҳу усулҳо ва манбаъҳои раванди сиёсӣ, ки онҳо одатан аз ҷониби субъекти раванди сиёсӣ барои дар амал татбиқ намудани мақсадҳои худ истифода бурда мешаванд.

Раванди сиёсӣ нишон медиҳад, ки чӣ тавр фардҳо, гурӯҳӯҳҳо, институтҳои ҳокимият бо мақсадҳо, хусусиятҳо бо ҳам ва бо давлат таъсир расонида, нақшаҳо ва вазифаҳои хешро амалӣ менамоянд. Чун вазъият, ҳавасмандӣ, мақсади рафтори инсон ҳамеша тағйир меёбад, раванди сиёсӣ ҳама гуна муайянияти пешакиро дар инкишофи ҳодиса ва зуҳурот рад менамояд.

Раванди сиёсӣ маҷмӯи амали субъектҳои иниститутсионалӣ ва ғайрииниститутсионалиро бо амалинамоии вазифаҳои хоси худ дар соҳаи сиёсат, ки оқибат ба инкишоф ё шикасти ҳокимияти сиёсӣ меорад, муайян месозад.

Раванди сиёсии мукаммал шартан ба марҳилаҳои зерин ҷудо карда мешавад:

1.Муқаррар ва мустаҳкам намудани системаи сиёсии ҷомеа.

2.Таҷдиди унсурҳои таркибии системаи сиёсӣ.

3.Қабули қарорҳои сиёсӣ ва иҷроиши онҳо.

4.Назорат аз рӯйи иҷроиши вазифаҳо ва муайян намудани ҳолати системаи сиёсӣ.

Чун анъана, марҳилаи аввали раванди сиёсӣ муқаррарнамоӣ ва мустаҳкамнамоии системаи сиёсии ҷомеа мебошад. Дар он бо мақсади таъмини устувории ҷомеа бо ҳам омезиш додани қисмҳои алоҳидаи равандҳои сиёсӣ ва дар заминаи онҳо ташаккули раванди ягонаи сиёсӣ амалӣ карда мешавад. Муқаррарнамоии системаи сиёсии ҷомеа одатан бо ду роҳ амалӣ карда мешавад: бо роҳи мусолиҳатомез ва бо роҳи зӯроварию маҷбурнамоӣ.

Баъзан неруҳои сиёсӣ дар натиҷаи муборизаҳои сиёсии тӯлонӣ ба сари қудрат омада, системаи сиёсии ҷомеаро ба тағйирот дучор менамоянд, ки чунин дигаргунӣ ба дастгирии оммаи мардум хеле зиёд ниёз дорад. Эътирофи системаи сиёсӣ дар шаклҳои гуногун зоҳир мегардад: масалан, эътирофи фаъол ва нофаъол, рӯирост ва пинҳонӣ, ихтиёрӣ ва маҷбурӣ, бевосита ва бавосита, бошуурона ва бешуурона.

Таҷдиди системаи сиёсӣ падидаи хеле мураккаб ва ихтилофноки дохили система мебошад ва он одатан якчанд дараҷаҳои рушду инкишофро аз сар мегузаронад. Дар ин марҳила унсурҳои таркибии системаи сиёсӣ ва механизмҳои амалишавии онҳо пай дар пай ташаккул дода мешаванд. Дар асоси меъёри пайдарпайӣ унсурҳои таркибӣ ва муносибатҳои муҳимтарини байни онҳо рушду инкишоф дода мешаванд. Аммо моҳияти асосии системаи сиёсӣ мисли пештара бояд нигоҳ дошта шавад. Таҷдиди унсурҳои системаи сиёсӣ идомаи мантиқии меъёри пайдарпайӣ ба шумор рафта, дар заминаи он баъзан унсурҳои нав ба вуҷуд оварда мешаванд ва ё нишонаҳои унсурҳои пештар мавҷуда каме тағйир дода мешаванд.

Одатан, таҷдиди системаи сиёсӣ чунин амалҳоро тақозо менамояд:

– аз сари нав ташаккул додани институтҳои сиёсӣ, муносибатҳои сиёсӣ, арзишҳо ва меъёрҳои сиёсӣ, рамзҳои сиёсӣ ва ба дигаргунӣ дучор намудани субъектҳои муносибатҳои сиёсӣ (тағйир додани мавқеи онҳо, рафтору андешаҳои онҳо ва ғ.);

– бо роҳи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба конститутсия ва дигар қонунҳои мамлакат ба таври ҳатмӣ таҷдиди назар намудани низоми санадҳои меъёрию ҳуқуқии расмие, ки ба воситаи онҳо рафтори иштирокчиёни раванди сиёсӣ танзим мегарданд.

Яке аз марҳилаҳои хеле муҳимми раванди сиёсӣ қабули қарорҳои сиёсӣ ва иҷроиши онҳо мебошад. Қарорҳои сиёсӣ аз рӯи моҳияти худ ифодагари манфиатҳои сиёсии гурӯҳҳои мушаххаси иҷтимоӣ мебошанд. Ҳангоми қабули қарорҳои сиёсӣ мақсад ва воситаҳои амалишавии онҳо ба таври ҳатмӣ ба инобат гирифта мешаванд. Инчунин, дар раванди қабули қарорҳои сиёсӣ масъалаи нигоҳ доштан ва истифода бурдани ҳокимият низ, ба инобат гирифта мешавад.

Назорат аз рӯйи иҷроиши вазифаҳо ва муайян намудани ҳолати системаи сиёсӣ марҳилаи ниҳоии раванди сиёсӣ ба шумор меравад. Назорат аз рӯйи иҷроиши вазифаҳо ва тарзи иҷроиши қарорҳои сиёсӣ дар ду шакл амалӣ карда мешавад: аз боло (назорати давлатӣ) ва аз поён (назорати ҷамъиятӣ). Назорати давлатӣ бо истифода аз мутахассисони касбии соҳаҳои дахлдор ва коршиносони соҳавӣ анҷом дода мешавад. Аммо дар маҷмӯъ ин навъи назоратро танҳо мақомотҳои дахлдори давлатӣ ба анҷом мерасонанд. Назорати ҷамъиятӣ бошад, ҳам аз ҳисоби муассисаҳо ва институтҳои давла-тии ҳокимияти маҳаллӣ ва ҳам аз ҳисоби фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ ба роҳ монда мешавад. Махсусан, дар раванди назорати ҷамъиятӣ нақши воситаҳои ахбори омма хеле муассир мебошад.

Меъёрҳои назоратиро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

– баҳогузорӣ ба омилҳои сиёсие, ки ифодагари манфиатҳои табақаи муайяни ҷамъиятӣ ва ташаккулдиҳандаи арзишҳои гурӯҳӣ мебошанд;

– раванди асоснок намудани омилҳои сиёсӣ ва нишон додани зарурият ва муҳиммияти онҳо.

Чунин навъи баҳогузорӣ одатан аз рӯйи нақшаҳои зерин амалӣ карда мешавад: омилҳои «фоиданок - зарарнок», «хуб - бад», «боадолат - беадолат», «қобили қабул - ғайриқобили қабул» ва монанди инҳо;

Марҳилаи назорат аз рӯйи иҷроиши вазифаҳои ҷамъиятию сиёсӣ як давраи муайяни раванди сиёсиро ҷамъбаст менамояд ва шартан анҷомёбии як раванд дониста мешавад. Аммо дар ҳаёти сиёсии ҷомеа баъди анҷоми як раванд боз равандҳои сиёсии навбатӣ оғоз меёбанд. Инчунин, дар як вақт равандҳои сиёсии гуногун низ метавонанд дар ҳоли анҷомёбӣ қарор дошта бошанд. Бинобар ин, анҷомёбии як давраи раванди сиёсӣ аз оғози раванди сиёсии навбатӣ дарак медиҳад.

## 4. Раванди қабули қарори сиёсӣ ва иҷроиши он

Қабули қарорҳои сиёсӣ ҳамчун марҳилаи алоҳидаи раванди сиёсӣ аз як қатор амалҳои пай дар пай иҷрошаванда иборат мебошад, ки ҳамаи онҳо дар якҷоягӣ механизми қабули қарор ва иҷроиши онро дар бар мегиранд. Онҳоро бо тартиби зерин нишон додан мумкин аст:

***1.Таҳлили вазъият.*** Дар ин марҳилаи қабули қарор талаботҳои қонеъношудаи ҷомеа ва мушкилоту масъалаҳои ҷамъиятие, ки ҳалталаб мебошанд, муайян карда мешаванд. Дар чунин шароит ҷамъоварии иттилооти зарурӣ барои қабули қарор шароити муосид фароҳам меоварад. Дар ин марҳила таҳлили вазъияти баамаломада пурра анҷом дода мешавад ва моҳияти он бо назардошти мушкилоти ҷамъиятӣ муайян мегардад.

***2. Ба вуҷуд овардани лоиҳаи қарор.*** Дар ин марҳила муайян намудани паҳлуҳои гуногуни масъала, баҳогузорӣ намудан ба он ва дар ниҳояти кор, дар шакли ҳуҷҷати меъёрию ҳуқуқӣ ташаккул додани қарори сиёсӣ анҷом дода мешавад. Одатан, чунин раванд дар мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ дар шакли муҳокимаи озод ё дар шакли овоздиҳии пинҳонӣ сурат мегирад.

***3. Қабули қарор.*** Дар амалияи сиёсии мақомоти ҳокимияти давлатӣ (ҳукумат, парлумон) одатан қарорҳои сиёсӣ бо роҳи овоздиҳӣ ва дар асоси меъёри аксарияти мутлақ қабул карда мешавад. Дар шароите, ки лоиҳаи қарор ба муҳокимаи умумихалқӣ гузошта шуда бошад, мақомоти намояндагӣ танҳо натиҷаи онро тасдиқ менамояд.

***4. Дар амал татбиқ намудани қарор.*** Бояд тазаккур дод, ки барои ин марҳилаи раванди сиёсӣ эътирофи қарори қабулшуда аз ҷониби аъзоёни ҷомеа хеле муҳим мебошад. Зеро дар ҳолати баръакс қарори қабулшуда ба мавзӯи баҳсноки доираҳои гуногун табдил ёфта, ҳеҷ гоҳ барои ҳалли масъалаҳо мусоидат карда наме-тавонад. Барои он ки қарори сиёсии қабулшуда ба таври самаранок дар амал татбиқ гардад, бояд шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда шаванд. Пеш аз ҳама, роҳбарияти сиёсӣ бояд ба раванди амалишавии қарори сиёсӣ таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир намояд, дар ин самт воситаҳо ва манбаъҳои заруриро сафарбар созад, он гурӯҳҳои иҷтимоиеро, ки дар самти амалишавии қарор мусоидат менамоянд, бояд ҳаматарафа дастгирӣ намояд.

# 5. Навъҳои раванди сиёсӣ

Равандҳои сиёсӣ ба ду навъ тақсим мешаванд: равандҳои сиёсии дохилӣ ва хориҷӣ. Равандҳои сиёсии дохилӣ гуногун буда, дар мамлакатҳои алоҳида ба таври мухталиф зоҳир мегарданд ва аз рӯйи мураккабӣ ва сохтори худ аз ҳам тафовути ҷиддӣ доранд. Равандҳои сиёсии дохилӣ аз шаклҳои идоракунӣ ва сохтори давлатӣ, режимҳои сиёсӣ, самаранокии фаъолияти элитаи ҳукмрон ва як қатор омилҳои дигар вобастагии зиёд доранд. Зербинои асосии раванди сиёсӣ дар дохили ҳар як давлат таҷрибаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сохтори иҷтимоии ҷомеа, ҳолати зисту зиндагии мардум, тарзи қонеъ гардидани талаботҳои мардум маҳсуб меёбанд. Равандҳои сиёсии хориҷӣ бошанд, дар асоси ҳуқуқи байналхалқӣ амалӣ мегарданд.

Дар қатори равандҳои сиёсии дохилӣ ва хориҷӣ инчунин равандҳои сиёсии инқилобӣ ва эволютсионӣ низ вуҷуд доранд. Дар раванди сиёсии инқилобӣ воситаҳои таъсиррасонии осоишта ва ғайриосоишта мавриди истифода қарор дода мешаванд. Ҳамчунин, ҳангоми аз ҷониби синфи ҳукмрон дар амал татбиқ гардидани ваколатҳои сиёсӣ раванди қабули қарори сиёсӣ дар ду шакл – кушода ва пинҳонӣ сурат мегирад. Дар раванди сиёсии кушода манфиатҳои шаҳрвандон ва гурӯҳҳои алоҳида, барномаҳои ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, васоити ахбори омма, афкори ҷамъиятӣ, алоқаҳои шаҳрвандон бо ҳокимият ба инобат гирифта мешаванд. Чунин вазъият танҳо дар давлатҳои демократӣ ба назар мерасад.

Аз лиҳози устувории системаи сиёсӣ, инчунин равандҳои сиёсии устувор ва ноустуворро низ аз ҳам фарқ менамоянд. Сохтори иҷтимоии устувор, марҳила ба марҳила баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва қонунияти режими амалкунанда нишонаҳои муҳимми раванди сиёсии устуворро ташкил медиҳанд. Дар чунин шароит шаҳрвандон қоидаҳои бозии сиёсиро риоя намуда, ҳокимиятро ҷонибдорӣ менамоянд. Ҳамаи иштирокчиёни раванди сиёсӣ ба ҳамкории тарафайн такя намуда, дар ҷустуҷӯи созиш мебошанд ва арзишҳои демократӣ омили муттаҳидкунандаи онҳо маҳсуб меёбанд. Дар ҷомеаҳои устувор одамон боварӣ доранд, ки дар ҳолатҳои зарурӣ ба ҳокимият таъсири амиқ расонида метавонанд ва аз ин рӯ, ҳукумат доимо дар раванди қабули қарорҳои сиёсӣ афкори ҷамъиятиро ба инобат мегирад.

Раванди сиёсии ноустувор бошад, доимо дар ҳолатҳои буҳронӣ ва дар шароити кам гардидани боварии мардум ба ҳокимият пайдо мегардад. Аммо ноустувории раванди сиёсӣ метавонад аз омилҳои дигар низ вобаста бошад. Масалан, кам гардидани ҳаҷми истеҳсолот, низоъҳои иҷтимоӣ, поймол гардидани ҳуқуқҳои ин ва ё он гурӯҳи иҷтимоӣ, қонеъ нагардидани талаботи онҳо.

Ҳамин тариқ, равандҳои сиёсӣ воқеияти сиёсии ҳар як ҷомеа ба шумор рафта, инъикосгари тағйирот ва дигаргуниҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мебошанд. Махсусан, равандҳои сиёсӣ мазмуни аслии сиёсатро ташкил намуда, гуногунрангии онҳо аз муносибатҳои сиёсӣ ва шакли амалишавии ҳокимияти давлатӣ вобаста мебошанд. Мавҷудияти равандҳои сиёсӣ характери доимӣ дошта, динамикаи сиёсии ҳар як ҷомеаро ташкил медиҳанд.

# Адабиёт


1. Политология. Под. ред. проф. М.А.Василика. – М., 1999. – С.231
2. Хуморов, Д. М., С. М. Авғонов, З. Ҳ. Каримова, ва  Б. А. Ҳусейнов. Сиёсатшиносӣ. Душанбе: Ирфон, 2016- С.250
3. Мальцев, В. А.  Основы политологии: Учебник для студ. вузов.– 4–е, изд,. дораб..–. М.: ИТРК, 2002.– 542 с.
4. Василик, М. А. Политология. Москва: Гардарики, 2000, стр.18–19.
5. Маҳмадов, А. Н. Сиёсатшиносӣ: Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. Душанбе: Ирфон, 2010. – С. 288

Ташаккури зиёд!